**Маърӯзаи**

директори Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷумахон Хол дар маҷлиси васеи Китобхона вобаста ба ҷамъбасти фаъолияти Муассиса дар соли 2024 ва вазифаҳо барои соли 2025

(14.01.2025)

**Муҳтарам___________________________**

**Ҳамкорони гиромӣ!**

Чанд рӯз қабл мову Шумо шоҳиди Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидем, ки зимни ироаи он Сарвари давлат ҳадафҳои созандаву бунёдкорона ва самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити басо мураккабу зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ба таври мушаххас муайян намуданд. Ба мову Шумо аён аст, ки паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба сифати шаҳодатномаи раҳнамо ба татбиқи тадриҷии ҳадафҳои стратегии мамлакат, аз ҷумла беҳтар намудани шароити иқтисодиву иҷтимоӣ ва маърифатнокии аҳли ҷомеа нигаронида шуда, бо таҳлилҳои амиқ, натиҷагириҳои асоснок ва масъалагузориҳои мушаххас тамоми соҳаҳои давлатдории моро сол аз сол рушду равнақ мебахшанд.

Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат тариқи тамоми шабакаҳои радиоиву телевизионии кишвар ба мардуми шарифи Тоҷикистон – ҳар як фарди худогоҳу ватандӯст, шаҳрванди пурмасъулияту созандаи кишвар ва ба тамоми тоҷикони ҷаҳону инчунин, бо муроҷиат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ироа гардид, сараввал, соли 2024-ро дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бо дастоварду пешравиҳои ноилшудаи халқамон ба сифати боз як соли бобарор арзёбӣ намуд. Яке аз нуктаҳои калидии Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат, дар баробарии зикри дастовардҳои иқтисодиву иҷтимоӣ,

пешравиҳои бахши инфрасохтори соҳаи маориф, рушди имкониятҳои сайёҳӣ, тадбирҳо ҷиҳати пешгирии омилҳои терроризму экстремизм ва ҳифзи суботу оромии кишвар, ин масъалаҳои марбут ба таҳкими маърифатнокии аҳли ҷомеа – рушди соҳаҳои илму маориф ва фарҳанг мебошад, ки атрофи онҳо дастуру масъалагузориҳои мушаххас сурат гирифт.

Ба боварӣ метавон зикр намуд, ки дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми самту равиши фаъолияти он мавриди баррасии амиқ қарор гирифта, вобаста ба ҳар як таъкид ва дастури Пешвои миллат, ки тавассути Паём ироа мешаванд, корҳои зиёде ба нақша гирифта шуда, баҳри амалӣ гардидани онҳо тадбирҳои муайян андешида мешавад.

Дӯстони азиз,

Мақсад ва вазифаҳои асосии Китобхонаи миллӣ аз қонеъ гардонидани дархости хонандагон бо маводи чопиву электронӣ, такмили фонди китобҳо, ташкилу баргузории чорабиниҳои муҳимми илмӣ, фарҳангиву маърифатӣ, таҳияи феҳристнигории анъанавию электронӣ, омодасозиву интишори осори илмӣ ва дастурҳои методиву библиографӣ иборат мебошад.

## 1. ҲИСОБОТИ КАДРӢ

Мувофиқи ҷадвали басти корӣ айни замон дар Китобхонаи миллӣ **2** раёсат, **25** шуъба, **3** марказ, **10** бахш, **1** Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, **1** бунгоҳи тиббӣ ва ҳайати кормандони техникию ёрирасон фаъолият доранд. Теъдоди умумии кормандон то ба имрӯз **504** нафар буда, аз онҳо **448** нафар кормандони асосӣ ва **56** нафарро ҳайати техникӣ ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии кормандон **393** нафар зан ва **111** нафар мард мебошад. Мавриди зикр аст, ки **110** нафар корманд бо ихтисоси китобдор фаъолият доранд., 590 нафар корманди Китобхона ба рухсатиҳои гуногун,

аз ҷумла 407 нафар ба рухсатии меҳнатӣ, 53 нафар рухсатии давраи таҳсил, 61 нафар рухсатии бемузди меҳнат, 30 нафар рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд ва **38** нафар рухсатӣ барои нигоҳубини тифл баромадаанд. Зимнан, **1** нафар корманд аз рухсатии меҳнатӣ дар соли 2024 бозхонд шуд.

Ҳамчунин, дар соли сипаришуда, **64** нафар корманди Китобхона мутобиқи моддаи 41 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хоҳиши худ аз кор озод ва **79** нафар корманд дар бахшу шуъбаҳои Китобхона ба кор қабул карда шуданд. Ҳамзамон, 11 нафар корманди Китобхона ба нафақа гусел карда шуд. Дар давраи ҳисоботӣ 923 лоиҳаи фармоиш омода ва ба тасвиб расонида шудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар соли 2024 ҷиҳати гузоштани саҳми арзанда дар рушди фаъолияти китобдорӣ ва ҳамкориҳои пурсамар якчанд корманди Китобхонаи миллӣ ба мукофотҳо қадрдонӣ шуданд. Аз ҷумла 1 нафар ба "Раҳматнома"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 нафар ба унвони фахрии медали "Хизмати шоиста", 1 нафар ба унвони фахрии "Шоири халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон", 1 нафар ба унвони фахрии "Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон", 2 нафар ба унвони фахрии "Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ", 5 нафар ба унвони фахрии "Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва зиёда аз 200 нафар ба "Сипоснома" ва "Ифтихорнома"-и Китобхонаи миллӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ соҳиб гаштаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ 23 нафар корманди Китобхонаи миллӣ ба сафари хизматӣ, аз чумда :

- 8 нафар дар Федератсияи Россия;
- 1 нафар дар Фаронса;
- 1 нафар дар Ҷумҳурии Белорус;
- 4 нафар дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон;
- 1 нафар дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- 2 нафар дар Вилояти Хатлон;
- 3 нафардар ВМКБ;
- 3 нафар дар вилояти Суғд буданд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Китобхонаи миллӣ 3807 ҳуҷҷат, аз ҷумла 232 адад ҳисобот ва маълумотнома, 717 адад дархост, 778 адад аризаҳои гуногун, 142 пешниҳод, 186 гузориш, 198 адад мактуб аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 400 адад мактуб аз вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ва 55 адад мактуб аз хориҷи кишвар қабул гардидааст. Дар давраи ҳисоботӣ шумораи умумии мукотиботи содиротӣ 1084 ададро ташкил медиҳад, аз ҷумла 96 адад мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 988 адад ба вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ва 15 адад ба хориҷи кишвар. Дар маҷмуъ, гардиши ҳуҷҷатҳои дар бахши умумӣ ва коргузорӣ баррасӣ ва мавриди корбурд қарор гирифта дар соли сипаришуда **4891** ададро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии ҳуҷҷатҳои воридотию содиротӣ **82** адад бо сабабҳои гуногун иҷро нагардидааст.

Ёдовар мешавем, ки ду сол қабл дар Китобхонаи миллӣ б**ахши китобҳои махсус** таъсис ёфт, ки мақсади асосии он пешгирии раванди паҳншавии адабиёти аз нигоҳи идеявию сиёсӣ, динӣ ва ахлоқӣ номатлуб дар байни шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан ҷавонону наврасон мебошад. Аз оғоз то имрӯз дар ин бахш **7501** китобу маҷалла гирдоварӣ гардидааст, ки онҳо аз назари мутахассисони соҳибтаҷриба ва донандагони хуби илмҳои мавриди назар гузаронида шуда, ҳифзу нигоҳдорӣ мешаванд.

Умед аст, ки ин бахш минбаъд низ барои дарёфт ва нигоҳдошти китобҳои аз нигоҳи идеявию сиёсӣ, динӣ ва ахлоқӣ номатлуб ҳамкориро бо мутахассисони мақомоти дахлдор қавӣ намуда, дар нигоҳдошти асолати миллӣ ва фарҳанги миллӣ мавқеи худро муайян менамояд.

Бинобар ин, ба Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, хусусан бахши китобҳои махсус дастур дода мешавад, ки дар такмилу омӯзиш ва ҷамъоварии адабиёти аз нигоҳи динӣ ва сиёсӣ мамнуъ корҳои таҳлилию омӯзиширо ҷоннок намояд.

## 2. МУКАММАЛГАРДОНИИ ФОНД, КОРКАРДИ АДАБИЁТ ВА ФЕҲРИСТНИГОРӢ

**Шуъбаи мукаммалгардонии фонд.** Дар соли 2024-ум 65732 нусха адабиёти нав ба маблағи умумии 1304551 сомониву **65** дирам ба Китобхонаи миллӣ ворид карда шуда, мавриди коркард қарор гирифтааст. Аз ҷумла:

| № | Китобҳо | Маҷаллаҳо | Нашрияҳои давомноки илмӣ | Диссертатсия | Автореферат | Нота | Диск |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2024** | 49502 | 2766 | 130 | 497 | 497 | 37 | 18 |
| **2023** | 47996 | 2441 | 46 | 581 | 1676 | 20 | 29 |

Дар захираи мубодилавии эҳтиётӣ 1227 нусха китоб ба маблағи умумии 11185 сомонӣ ба қайд гирифта шудааст.

Кормандони шуъбаи мукаммалгардонии фонд 4534 нусха китобҳои ҳатмӣ, 42673 нусха адабиёти туҳфашуда аз шахсони алоҳида, 1522 нусха китоб аз сарчашмаҳои гуногун, 648 нусха маҷаллаи обунавӣ ва ҳамчунин 343 нусха китоб аз сафоратхона ва ташкилоти хориҷиро ба дафтари бақайдгирӣ сабт кардаанд. Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ ба 50695 нусха адабиёти коркардшуда рамзбандии вижавӣ (часпонидани штрих-код) сурат гирифтааст.

Дар ин давра кормандони шуъбаи мазкур ҳамчунин 35252 нусха китобро дар асоси дархост ба шаҳру ноҳияҳои кишвар ирсол кардаанд.

Дар давоми соли 2024, дар умум, 22010 китоб аз ҳисоби фонди аз аҳолӣ ҷамъоваришуда коркард шуда, ба фонди асосӣ ва ёрирасони Муассиса интиқол ёфтааст.

**Дар маҷмуъ, ба ҳолати 1-юми январи соли 2025 фонди хизматии Китобхонаи миллӣ аз 3 517 117 нусха китоб ва дигар маводи чопӣ иборат мебошад.**

Бо истифода аз фурсат, мехоҳам бори дигар ёдовар шавам, ки агар воридшавии китоб ва дигар анвои чопӣ ба Китобхонаи миллӣ дар соли

2024 мувофиқи мақсад ва ҳатто нисбат ба солҳои қаблӣ зиёд гашта истода бошад ҳам, вале ҳамоно дар фароҳамоварии баъзе сарчашмаҳои чопӣ, махсусан қабули нусхаҳои ҳатмӣ, ки онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо" танзим менамояд, камбудиҳо ба назар мерасад. Ҳол он ки дар тамоми кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон фонди китобии китобхонаҳо аслан аз ҳисоби нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо мукаммал гардонида мешавад.

Аз ин нуктаи назар, шуъбаи мукаммалгардонии фондро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоту муассисаҳоиноширӣ барои такмили фаъолият дар самти ҷамъоварии нусхаҳои ҳатмӣ чораҳои мушаххас ва саривақтӣ андешад.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони **шуъбаи коркарди адабиёт** 43137 номгӯи адабиётро қабул ва коркард намудаанд, ки аз он 15014 нусха бо забони тоҷикӣ, 19510 нусха бо забони русӣ, 3420 нусха ба фонди захираҳои ёрирасон, 470 нусха рисолаи илмӣ, 407 нусха бо забони халқҳои ИДМ ва 126 нусха нашрияҳои давомдори илмӣ ва ғайра мебошанд.

Кормандони шуъба кулли китобҳои тозанашрро соҳа ба соҳа ҷудо карда, аз рӯйи ҷадвали Таснифоти даҳгонаи универсалӣ (ТДУ) рақамгузорӣ ва ба барномаи **"**ALEPH" ворид менамоянд.

Дар ин замина ба **9235** нусха китоби тозанашр аз рӯйи ҷадвали Таснифоти даҳгонаи универсалӣ (ТДУ) рақамгузорӣ шуда, ҳамин миқдор 9235 барга (як нусхагӣ) ва 27705 адад барга (се нусхагӣ) чоп гардидааст.

Кормандони шуъба феҳристи хизматӣ бо забони тоҷикӣ, русӣ, феҳристи авторефератҳо, диссертатсияҳо, нашрияҳои давомноки илмиро тафтиш карда, баргаҳои фарсудашудаи қуттиҳои феҳристро аз нав барқарор кардаанд ва кор дар ин самт идома дорад.

Дар ин давра ба миқдори 23845 адад рақамҳои инвентарии китобҳои такрорнашр дар баргаҳои феҳристи хизматӣ гузаронида шудаанд.

Кормандони **шуъбаи феҳристнигорӣ** 61 441 нусха китобро сабти библиографӣ намуда, дар барномаи «ALEPH» ҷой кардаанд. Ҳамзамон,

18000 тасвири электронии библиографии китобҳо тибқи талаботи барномаи «ALEPH» шифргузорӣ шудаанд.

Инчунин, 9382 адад баргаи китобҳои тозанашр ва 33993 адад рақамҳои инвентарии нусхаҳои иловагӣ аз шуъбаи коркарди адабиёт қабул карда шудааст, ки аз онҳо 5856 адад баргаҳои тозанашр, 19193 адад рақамҳои инвентарии нусхаҳои иловагӣ ба забони русӣ, 2860 адад баргаҳои тозанашр, 14688 адад рақамҳои инвентарии нусхаҳои иловагӣ ба забони тоҷикӣ ва 631 адад баргаҳои тозанашр ба забонҳои халқҳои ИДМ мебошанд. Дар давраи ҳисоботӣ 2602 адад баргаи китобҳои соқитшуда аз феҳристи анъанавӣ хориҷ карда шудаанд.

**Ҳамкорони гиромӣ,**

Бори дигар таъкид менамоям, ки мо фаъолияти Китобхонаи миллиро танҳо ҳамон вақт тавсифу ситоиш карда метавонем, ки агар равандҳои автоматикунонии дар самти китобдорию иттилоотӣ ба талаботи замони муосир ва ниёзҳои доимоафзояндаи истифодабарандагон ҷавобгӯ бошад.

Ҳангоме, ки фаврияти дастрас гардонидани адабиёт ба хонанда, фаврият ва сатҳу сифати қонеъ гардонидани дархости хонанда аз адабиёти мавриди назар таъмин аст, вақте ки усули нигоҳдории феҳристи мо ба таври электронӣ мураттабу муназзам аст, танҳо ҳамон вақт робитаи қавӣ бо хонанда ва симои мусбии Китобхонаи миллӣ назди ҳамагон рӯшану муайян ҷилвагар хоҳад шуд.

Аз ин нуктаи назар, гарчи шуъбаи феҳристнигории Китобхонаи миллӣ фаъолияти муътадил дошта бошад ҳам, дар самти электронинамоии феҳристи адабиёти фонди Китобхона тариқи барномаи “Алиф” ҳанӯз камбудиву норасоиҳои ҷиддӣ ба назар мерасад.

Ба мову шумо маълум аст, ки фаъолияти бахш, шуъба ва марказҳои Китобхона вобаста ба таҳияи феҳристи электронии фонди асосӣ тариқи барномаи “Алиф” бомаром идома дошта, тибқи муқаррарот ва меъёри

муайяншуда дар ин самт корҳо идома дорад. Вале бо назардошти рушди технологияи ҳозиразамон, пайдо шудани роҳҳои нави хизматрасонӣ талаботи истифодабарандагон аз китобхонаҳо низ тағйир ёфта, истифода аз тамоми навъи ҳуҷҷат ба шакли электронӣ ва рақамӣ сурат мегирад. Илова бар ин, дар замони имрӯза фаврияти ба даст овардани китоб ва дигар анвои чопӣ ва электронӣ маҷрои дигар касб карда, истифодаи барои хонанда содаву муносиб аз китобхонаҳо ва ба инобат гирифтани арзиши вақти истифодабарандагон ба мадди аввал мебарояд.Китобхонаи миллӣ низ дар масири хизматрасонии рақамӣ-электронӣ қадамҳои устувор гузошта, барои ноил шудан ба ҳадафҳои Ҳукумати мамлакат дар самти татбиқи “Ҳукумати электронӣ” ва хизматрасонии фаврӣ ба истифодабарандагон ҳамҷониба тадбирҳои мушаххас ва саривақтӣ меандешад. Бинобар ин, роҳбарият ва масъулони шуъбаи феҳристнигорӣ, автоматикунонӣ, раванди китобдорӣ-иттилоотӣ ва дигар бахшу шуъбаҳои Муассисаро лозим аст, ки барои ҳарчи зудтар ба шакли электронӣ таҳия намудани феҳристи асосии Китобхона тариқи барномаи “Алиф” чораҳои зарурӣ ва таъхирнопазир андешанд.

Иловатан, муовини директор Саидзода З., шуъбаҳои феҳристнигорӣ ва АРКИ вазифадор мегарданд, ки барои бартараф кардани камбудиву норасоиҳои солҳои қаблӣ дар самти таҳияи феҳристи электронӣ то оғози семоҳаи дуюми соли 2025 тадбирҳои мушаххас андешида, аз натиҷаи корҳои анҷомшуда ҳисоботи муфассал манзур намоянд.

Дар давраи ҳисоботӣ **шуъбаи таъмир ва тармими ҳуҷҷатҳо** аз сохторҳои дахлдори Китобхона 112 адад дархост қабул намуда, мутобиқи онҳо 18581 нусха адабиётро таъмир кардааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023, 4392 нусха адабиёт зиёд мебошад.

## ХИЗМАТРАСОНӢ БА ХОНАНДАГОН

Таҳлилу натиҷагирӣ аз фаъолияти бахши бақайдгирии шуъбаи автоматикунонӣ, раванди китобдорӣ-иттилоотӣ нишон дод, ки аз оғози фаъолият то ба имрӯз 284 964 нафар узви Китобхонаи миллии Тоҷикистон

шудаанд. Дар соли 2024 ба узвияти Китобхона 14 755 нафар қабул карда шудааст.

Ба толорҳои шуъбаи хизматрасонӣ ба истифодабарандагон, ки фарогири толори хониш, толори оид ба тиб ва табиатшиносӣ, толори ҳуқуқ ва фалсафа, ҳамчунин толори “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” мебошад, дар давраи ҳисоботӣ 62 603 нафар хонанда ташриф оварда, ба онҳо ҷиҳати дастрас намудани беш аз 79 670 нусха адабиёт хизмат расонида шудааст, ки ин шумора дар муқоиса ба соли қаблӣ 10116 нафар хонанда ва 7471 нусха китоб кам мебошад. Дар дигар толорҳои хониши Китобхона омори ташрифот ва китобдиҳӣ ба таври зерин мебошад:

| **№** | **Номи сохтор** | **Шумораи хонандагон** | **Китобдиҳӣ** | **Маводи электронӣ** |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шуъбаи матбуоти даврӣ | 4708 | 40155 | |
| 2 | Шуъбаи адабиёт доир ба фарҳанг ва ҳунар | 1293 | 2657 | 4103 |
| 3 | Шуъбаи библиографияи миллӣ | 2362 | 2669 | |
| 4 | Шуъбаи депозитарӣ | 345 | 224 | |
| 5 | Шуъбаи абонементи байни китобхонавӣ ва таҳвили ҳуҷҷатҳои электронӣ | 4813 | 5720 | 2 |
| 6 | Шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони имконияташон маҳдуд | 2378 | 318 | 1295 |
| 7 | Шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир | 3689 | 5564 | |
| 8 | Шуъбаи маълумотдиҳӣ-библиографӣ | 1268 | 2915 | |
| 9 | Шуъбаи адабиёти хориҷӣ | 15471 | 4471 | |
| 10 | Шуъбаи адабиёти кӯдакон ва наврасон | 5868 | 15884 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 11 | Шуъбаи адабиёти табиатшиносӣ, техникӣ ва илмҳои дақиқ | 3572 | 905 | |
| 12 | Толори хониши электронии шуъбаи автоматикунонии раванди китобдорӣ-иттилоотӣ | 22066 | | 10408 |
| 13 | Шуъбаи рисолаҳои илмӣ | 4871 | 4957 | |
| 14 | Шуъбаи хизматрасонӣ ба истифодабарандагон | 62603 | 79670 | |

Аз нишондиҳандаҳои омории зикргардида маълум мешавад, ки шумораи умумии хонандагон ва диҳиши адабиёт дар соли 2024-ум 135 307 нафар хонанда ва 166 109 нусха китоб ва 15 808 адад маводи электрониро ташкил медиҳад, ки ин шумора дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2023-ум 11 686 нафар хонанда ва 13 380 нусха китоб кам мебошад.

Дар соли 2024 ба воситаи шуъбаи коркарди адабиёт ба толори хониши шуъбаи хизматрасонӣ ба истифодабарандагон 1209 нусха китоб ворид гардидааст.

Бо мақсади хизматрасонии саривақтӣ шуъбаи **матбуоти даврӣ** дар давраи ҳисоботӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонид. Дар иртибот ба бастабандии нашрияҳои даврӣ дар ин давра зиёда аз **1200** нашрия барои муқовабандӣ пешниҳод гардид ва 200 адади он пурра бастабандӣ шуда, корҳо дар ин самт идома доранд.

Бо мақсади қонеъ намудани талаботи рӯзмарраи хонандагон нисбат ба рӯзномаҳои тозанашр ҳар ҳафта ба шуъба зиёда аз 49 номгӯйи рӯзномаҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ ворид мешаванд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба фонди шуъба дар асоси нусхаи ҳатмӣ 4338 нусхаи рӯзнома ба забони тоҷикӣ, 1645 шумора ба забони русӣ, 1999 шумораи рӯзномаҳо дар асоси нусхаи обунавӣ ба забонҳои тоҷикӣ, 453 шумора ба забони русӣ, 2004 шумора рӯзномаҳои ноҳиявӣ аз рӯйи

нусхаҳои ҳатмӣ ва обунавӣ, 1303 шумора аз шуъбаи билиографияи миллӣ интиқол гардида, 3595 шумораи маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ аз рӯйи нусхаи ҳатмӣ ва обунавӣ ва аз сарчашмаҳои гуногун ворид шудааст, ки дар маҷмуъ 10439 нусхаи рӯзнома ва 3595 шумораи маҷалларо ташкил медиҳад.

Дар ин давра кормандони шуъбаи матбуоти даврӣ ба миқдори 45 439 саҳифа маҷалларо ба шакли электронӣ баргардонидаанд, ки яке аз вазифаи асосӣ ва муҳимми имрӯзи ин шуъба ба шумор меравад.

Дар соли 2024 ба фонди **шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони имконияташон маҳдуд** дар маҷмуъ 80 нусха китоб бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ворид гардидааст, ки 2 адади он бо ҳуруфи брайлӣ мебошад. Дар иртибот ба корҳои таъмири фонд аз шуъбаи мазкур 153 китоб таъмир ва тармим гардидааст.

**Шуъбаи абонементи** байникитобхонавӣ ва таҳвили ҳуҷҷатҳои электронӣ дар асоси ҳамкорӣ бо китобхонаҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ ба воситаи абонементи байни китобхонаҳо дар маҷмуъ **17** нусха китоб ирсол шудааст, ки аз ин 10 нусха ба ноҳияҳои тобеи марказ ва 7 нусха ба вилояти Хатлон интиқол ёфтааст.

Дар ин муддат аз ҷониби кормандон кор бо хонандагони қарздор пурзӯр гардида, 2246 нусха китоб баргардонида шудааст, ки ин нишондод назар ба ҳамин давраи соли гузашта 786 нусха зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ба фонди шуъба 32 нусха адабиёт ворид гардидааст, ки нисбат ба соли 2023-ум 76 нусха кам мебошад.

Кормандони **шуъбаи депозитарӣ** дар давраи ҳисоботӣ ба тафтиш ва санҷиши муқоисавии фонди шуъба, барқарор намудани рақамҳои инвентарии китобҳо, ташкили феҳристи электронӣ ва дигар корҳои марбут ба фаъолияти шуъба машғул шуда, як қатор корҳои муҳимро ба анҷом расонидаанд. Дар ин давра 201 **нусха** китоби таъмирталаб ҷудо гардида, пурра барқарор гардиданд ва дар ҷойҳои муқаррарии худ ҷобаҷо гузошта шуданд. Вобаста ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи депозитарӣ метавон қайд намуд, ки дар ин давра таҳияи нишондиҳандаи библиографии

“Китобҳои ҳаҷман хурди Китобхонаи миллӣ” ба анҷом расида, дар асоси Қарори Шурои илмию методии Китобхона барои 100 адад чоп тавсия дода шуд. Китоби мазкур аз дастовардҳои амиқи соҳаи китобдорӣ буда, онро метавон як дастури сирф соҳавӣ барои донишҷуён ва мутахассисон арзёбӣ капрд.

Дар ин давра аз ҷониби кормандони шуъбаи депозитарӣ 7 мақола дар сомонаи Китобхонаи миллӣ  ва 4 адад видеоролик дар Ютуб-канали Муассиса ба нашр расонида шудааст.

**Шуъбаи нигоҳдории китоб** дар давоми соли 2024 аз махзанҳои китобии дар тавозуни худ қарордошта 18 816 нусха китобро ба шуъбаҳои хизматрасонии Китобхона пешниҳод намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-ум 2451 нусха китоб кам мебошад. Шуъбаи мазкур дар самти қабули китобҳои навворидшуда, пешниҳоди китоб ҷиҳати воридсозӣ ба барномаи ALEPH ва дигар хизматрасониҳо бо дигар шуъбаҳо ҳамкории зич дорад.

Барои ғанӣ гардонидани фонди шуъбаи нигоҳдории китоб дар ин давра 34931 нусха китоб ворид гардидааст. Ҳамаи китобҳои ба шуъба воридгардида аз рӯйи рақами инвентарӣ дар рафҳои китобӣ ҷобаҷо гузошта шудаанд.

Аз моҳи декабри соли 2023 азнавбақайдгирии фонди Китобхонаи миллӣ оғоз шуд ва дар асоси қабули қарори дахлдор кулли фонди Муассиса бо шумораи дақиқ ва забони асл муайян карда мешавад. Аз оғоз то ба имрӯз шуъбаи нигоҳдории китоб 1 156000 нусха китобро рӯйхати электронӣ намудааст, ки аз ин 203 801 нусба ба забони тоҷикӣ, 951 567 нусха ба забони русӣ, 580 нусха ба хатти лотинӣ ва 52 нусхаи дигар ба забони англисӣ мебошад. Кор дар ин самт идома дорад.

Кормандони **шуъбаи адабиёт доир ба фарҳанг ва ҳунар** дар давраи ҳисоботӣ 585 адад маводро аз сарчашмаҳои гуногун оид ба фарҳанг ва ҳунари Тоҷикистон ҷамъоварӣ намудаанд.

Аз тарафи кормандони шуъбаи мазкур 51 адад мавод оид ба мавзуъҳои гуногун дар сомонаи Китобхона интишор ёфтааст. Дар давраи ҳисоботӣ ба шуъбаи адабиёт доир ба фарҳанг ва ҳунар 421 адад китоб ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, 27 адад нота ва 41 нусха пиеса ворид гардидааст.

Дар ин давра дастури библиографии “Адабиёт оид ба фарҳанг ва ҳунари Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2023” омода гардида, барои чоп пешниҳод шудааст.

**Шуъбаи адабиёти кӯдакон ва наврасони** Китобхона шуъбаи махсусест, ки фаъолияти он ҷиҳати хизматрасонӣ ба хонандагони хурдсол ба роҳ монда шудааст. Шуъбаи мазкур дар соли ҷорӣ 5868 нафар хонанда сабти ном шудааст, ки онҳо 15884 нусха китобро мавриди мутолиа қарор додаанд.

Ҷиҳати ғанӣ гардонидани фонди шуъба дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи шуъбаи мукаммалгардонии фонд ба миқдори 661 нусха адабиёти бачагона, 216 шумораи рӯзномаву маҷалла ва китоб ба шуъба ворид гардидааст.

Ҳамчунин, кормандони шуъбаи мазкур дар ин давра 55 хабару гузоришро аз ҷараёни маҳфилҳои ҳамешагии шуъба омода ва дар сомонаи Китобхона ва дигар ВАО интишор додаанд.

Кормандони **шуъбаи маълумотдиҳӣ-библиографӣ** аз шабакаҳои интернетӣ оид ба мавзуъҳои дастовардҳои миллӣ ва пешрафту тараққиёти кишвар 702 адад мавод ҷамъоварӣ намудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони шуъба 2834 нусха китобро аз шуъбаи нигоҳдории китоб қабул ва ба фонди шуъба ворид намуданд. Дар ин давра шуъба ба 1268 хонанда хизмат расонида, 2915 мавод манзур кардааст.

Дар давоми соли 2024 ба **шуъбаи рисолаҳои илмӣ** ба миқдори 489 нусхаи рисолаи илмӣ (293 нусха ба забони тоҷикӣ, 196 нусха ба забони русӣ), 489 нусха автореферат (293 нусха бо забони тоҷикӣ, 196 нусха ба забони русӣ) ворид шудааст.

Бо мақсади ғанӣ гардонидани фонди толори академикон дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби донишмандони соҳаҳои гуногун ба миқдори 317 нусха китоб ва дигар маводи чопӣ ба фонди шуъба туҳфа гардидааст.

Дар соли 2024 аз фонди академикон ва докторони илм ба барномаи “АЛИФ” 19570 адабиёт ворид карда шуд. Зимнан, 14755 адабиёти дигар штрих-код часпонида шудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби кормандони шуъбаи **адабиёти хориҷӣ** 14649 нусха адабиёт ба феҳристи электронӣ ворид карда шуда, ба толори хониши шуъба 15471 хонанда ташриф оварда, 4471 адабиётро истифода бурдаанд. Кормандони шуъбаи адабиёти хориҷӣ дар моҳҳои сипаришудаи соли 2024 14 649 нусха адабиётро ба барномаи “АЛИФ” ворид намудаанд.

Шуъбаи адабиёти хориҷӣ яке аз фаъолтарин сохтор дар Муассиса ба шумор рафта, кормандони он дар тарғибу ташвиқи фаъолияти китобдорӣ тариқи сомонаи расмии Китобхона пайваста заҳмат мекашанд. Дар ин давра аз ҷониби кормандони шуъба дар умум 130 мавод дар сомона нашр гардидааст, ки 5 адад ба забони тоҷикӣ ва боқӣ ба забони русӣ мебошанд.

Дар назди шуъбаи адабиёти хориҷӣ гӯшаи чанд кишвари хориҷӣ фаъолият дошта, дар асоси ҳамкорӣ бо онҳо мубодилаи байналмилалии китоб низ ба роҳ монда шудаааст. Аз гӯшаи намоиши китобии шуъба 1226 меҳмонони дохиливу хориҷӣ дар соли 2024 ошноӣ пайдо кардаанд.

Дар ин давра кормандони шуъбаи адабиёти табиатшиносӣ, техникӣ ва илмҳои дақиқ ба 3 572 хонанда хизмат расонида, аз рӯйи дархости онҳо 905 нусха адабиёт пешниҳод кардаанд. Фонди умумии шуъбаи мазкур 12 949 нусхаро ташкил медиҳад ва ин нисбат ба талаботи хонандагон хеле кам мебошад. Бинобар ин, моро зарур аст, ки дар фурсатҳои хеле наздик баҳри мукаммал гардонидани фонди шуъбаи табиатшиносӣ, илмҳои дақиқ ва техникии Китобхонаи миллӣ чораҳои мушаххас ва фаврӣ андешида, хизматрасониро дар ин самт тақвият бахшем.

Тавре, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, сол аз сол шумораи хонанда ва диҳиши адабиёт дар Китобхонаи миллӣ кам шуда истодааст. Тибқи санҷишу азназаргузаронӣ ва таҳлили вазъи хизматрасонии Китобхона маълум гардид, ки яке аз сабабҳои асосии кам гаштани шумораи хонандагон ин таъсиси китобхонаҳои назди идоравӣ ва муассисавӣ мебошад. Дар иртибот ба ин масъала ёдовар мешавем, ки аксарияти хонандагони Китобхонаи миллиро донишҷӯён ва толибилмони макотиби миёна ва олии кишвар ташкил медиҳад. Дар баробари ин, тамоми донишгоҳу донишкадаҳои мамлакат бо ба даст додани имконияту шароитҳои мусоид китобхонаҳои замонавии муҷаҳҳаз бо тамоми шароит, аз ҷумла дастрасӣ ба адабиёти тозанашр, такмили доимии фонд, дастрасӣ ба шабакаи байналмилалии интернет ва дигар омилҳои рушди соҳаро пайдо намуда, ин омилҳо яке аз сабабҳои асосии коҳиши хонандагони доимии Китобхонаи миллӣ гаштааст.

Имрӯз ҷомеа майл ба истифодаи ҳарчи бештари технологияи муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дорад, ки ин сабаби дигари коҳиш ёфтани хонандагони Китобхонаи миллӣ мебошад ва хонандагон ниёзҳои иттилоотии хешро тавассути китобхонаҳои электронӣ ва порталҳои иттилоотрасони шабакавӣ қонеъ мегардонанд.

Бо вуҷуди ин, Китобхонаи миллӣ барои ба эътидол овардани вазъи хизматрасонӣ ва устувор нигоҳ доштани робитаи худ бо ҷомеа пайваста тадбир андешида, бо роҳҳову усулҳои гуногун насли ҷавону навраси кишварро ба китобу китобхона ва китобхонӣ ҷалб менамояд.

Ҳадафи дигаре, ки имрӯз дар назди Китобхонаи миллӣ вобаста ба ҷалби ҷомеа ба китобхона ва китобхонӣ гузошта шудааст, ин таҳияи барномаву консепсияҳои соҳавӣ, аз ҷумла таҳияи “Консепсияи хониши Тоҷикистон”, “Консепсияи хониши кӯдакону наврасон” ва амсоли инҳо мебошад.

ФАЪОЛИЯТИ БИБЛИОГРАФИИ ШУЪБАҲО ВА ТАҲИЯИ ДАСТУРҲО

Аз ҷониби кормандони шуъбаи **библиографияи миллӣ** дар соли 2024 се дастур: «Ато Мирхоҷа»: маҷмуаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ дар ҳаҷми 152 саҳифа, «Маҷид Салим»: маҷмуаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ дар ҳаҷми 192 саҳифа, «Раҳимзода Рамазон Ҳамроҳ»: китобномаи шарҳиҳолӣ дар ҳаҷми 126 саҳифа аз чоп баромад. Дар ин давра ҳамзамон кормандони шуъбаи мазкур шаш дастур: «Сафармуҳаммад Аюбӣ»: китобномаи шарҳиҳолӣ дар ҳаҷми 144 саҳифа, «Сайф Раҳимзоди Афардӣ»: китобномаи шарҳиҳолӣ дар ҳаҷми 63 саҳифа, «Донистани ҳуқуқ - афолати зиндагии шоиста»: феҳристи адабиёт дар ҳаҷми 147 саҳифа, «Ашӯр Сафар»: китобномаи шарҳиҳолӣ дар ҳаҷми 233 саҳифа, «Кароматулло Мирзоев»: китобномаи шарҳиҳолӣ дар ҳаҷми 143 саҳифа, «Раҷаб Амон»: китобномаи шарҳиҳолӣ дар ҳаҷми 280 саҳифа омодаи чоп кардаанд. Ҳамзамон дар ин давра ду дастур низ таҳия шудааст ва онҳо дар ҷараёни санҷиши библиографӣ қарор доранд.

Кормандони шуъба тавассути барномаи «Библиограф» 11 281 баргаро ба феҳристи электронии шуъба ворид намудаанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 31370 барга кам аст. Дар ин муддат ба қуттиҳои феҳристи мураттабии шуъба 7 658 баргаи адабиёт аз рӯйи соҳаҳо ворид карда шудааст.

**Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** маводи гуногуни чопӣ, электронӣ ва мултимедиавиро оид ба фаъолияти ҳамарӯза ва пурсамарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз осори илмию публисистӣ, адабию бадеӣ, матбуоти даврӣ, сомонаҳои интернетии дохиливу хориҷӣ ҷамъоварӣ, таҳлилу коркард ва пажуҳиши библиографӣ карда, ба доираи васеи хонандагон пешниҳод мекунанд.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони Медиатека, дар маҷмуъ 6 613 адад мавод – ба забони тоҷикӣ 4 213 мавод, 2 118 ба забони русӣ, 282 мавод ба

забони ӯзбекӣ гирдоварӣ намуданд, ки нисбат ба соли ҳамин давраи соли 2023 - 18539 адад кам мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони Медиатека 1 266 маводи мусаббатро гирдоварӣ карда, зиёда аз 200 маводро вобаста ба фаъолияти Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз шабакаҳои иҷтимоӣ ҷамъоварӣ намудаанд.

Ҷиҳати амалишавии бомаром ва ҳадафманди лоиҳаи «Бунёди маводи мусаббати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи Нақшаи кории лоиҳа фаъолияти худро босамар анҷом дода, силсилаи дастурҳои мултимедиавиро омодаи чоп намуд.

Дар ин замина, корҳои гирдоварии мавод, таҳлилу библиографинамоии он барои дастурҳои электронии библиографии иттилоотии “Савол ва ҷавоб”, “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар”, “Хазинаи чопӣ ва электронии маводи мусаббати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Корнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксу мусаввараҳо” ва “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – эҳёгари ҳунарҳои мардумӣ” пурра ба анҷом расид.

Дар давраи ҳисоботӣ дастурҳои библиографии “Инъикоси фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзномаи Садои мардум” дар ҳаҷми 400 саҳифа ва “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саҳифаҳои рӯзномаи “Народнная газета” – солҳои 1992-1996” чоп гардида, рӯнамоӣ шуданд.

Соли 2024 аз ҷониби шуъбаи **рисолаҳои илмӣ** дастури библиографии “Карим Абдуллов: китобномаи шарҳиҳолӣ” ва дустури библиографии “Академик Кароматулло Олимов: китобномаи шарҳиҳолӣ” таҳия ва чоп шуданд.

Вазъи таҳияи дастурҳои методиву библиографӣ, нишондиҳандаҳои библиографӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди дар баъзе нишондодҳои асосии

Китобхонаи миллӣ камомад мушоҳида шавад ҳам, вале дар фаъолияти таҳия ва тадвини асарҳои илмӣ-соҳавии Муассиса дастовардҳои назаррас ба чашм мерасад. Агар дар соли 2024 дар маҷмуъ 12 китоби соҳавӣ чоп шуда бошад (хотиррасон менамоем, ки ҳамин миқдори дигар аллакай таҳия шуда, аксаран дар дасти чоп қарор доранд), ин нишондод нисбат ба ҳамин даврai соли 2023 - 6 адад зиёд мебошад.

## ФАЪОЛИЯТИ АВТОМАТИКУНОНИИ РАВАНДИ КИТОБДОРӢ-ИТТИЛООТӢ

Шуъбаи автоматикунонии раванди китобдорӣ-иттилоотӣ дар соли 2024 ба сомонаи Китобхонаи миллии электронии Тоҷикистон 7 782 иттилоотро коркард ва ворид намудааст. Айни замон фонди электронии сомонаи мазкур ба 341 800 китоби электронӣ расидааст.

Дар Китобхонаи миллии электронии Тоҷикистон вобаста ба баргузории Озмуни ҷумҳуриявии "Хонандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат" равзанаи "Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон" таъсис ёфт, ки бо ду забон кулли осори Президенти мамлакат ва таълифот дар бораи Пешвои миллатро, ки дар умум зиёда аз 410 китоби электрониро ташкил медиҳад, гузошта шудааст.

Сервер ва барномаи турникет (Access Control) зери назорати доимии масъулон қарор дошта, тамоми кормандони Муассиса бо изи даст, чип ва кортҳои даромаду баромад вориди Китобхона мегарданд. Дар пойгоҳи маълумоти барномаи мазкур омори даромаду баромади ҳамарӯзаи хонандагон, аз ҷумла бо нишондоди пурраи маълумоти хонанда дар назар гирифта шудааст.

Аз ҷониби кормандони техникии Китобхонаи миллӣ дар соли 2024, бахшида ба "Соли маърифати ҳуқуқӣ" портали махсуси соҳавӣ "Иттилооти ҳуқуқӣ" таъсис ёфт, ки он дорои адабиёти электронии соҳавӣ мебошад.

Веб-барномаи Kerio Control, Server Ubuntu 18.04 бо иҷозатномааш ҷиҳати таъмин намудани назорат, таъйину тақсими истифодаи самараноки шабакаи интернет, манъ намудани истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва ба ҳисобгирии омори истифодаи он дар Китобхонаи миллӣ ба истифода дода шудааст.

Нусхабардории эҳтиётии маълумоти электронӣ дар пойгоҳҳои маълумотии веб-барномаи библиографияи миллӣ, китобхонаи электронӣ, маркази иттилоотӣ ҳуқуқӣ ва барномаи ALEPH нигоҳ дошта мешавад.

Аз ҷониби кормандони гурӯҳи нусхабардорӣ ба миқдори 1 648 нусха китоб дар ҳаҷми **459 756** саҳифа нусхабардорӣ, коркард ва ба формати PDF гардонида шудааст, ки ин назар ба ҳамин давраи соли гузашта 325 китоби электронӣ зиёд мебошад.

Фаъолияти барномаи ALEPH зери назорати доимии масъулон қарор дошта, камбудӣ ва ғалатҳое, ки дар модулҳои барнома ба чашм расиданд, дар доираи имконот бартараф карда шуданд. Айни замон Китобхонаи миллӣ 20 нуктаи иҷозатномаи фаъолият дар барномаи мазкурро дорад, ки кори автоматикунониро дар самти таҳияи феҳристи электронӣ хеле осон гардонидааст.

Тибқи омори веб-барномаи Китобхонаи электронии миллии Тоҷикистон дар соли ҷорӣ 590 нафар хонанда сабти ном шуда, 98 506 хонандаи маҷозӣ аз веб-барномаи мазкур истифода бурдааст. Инчунин, тибқи мактуб ва дархост ба як қатор сохторҳои давлатӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ зиёда аз 29 319 нусхаи электронии китоб ва маводи таълимӣ дода шудааст.

Ҳолати рақамикунонии фонди Китобхонаи миллӣ, таъсиси пойгоҳои электронии иттилоотрасон ва дигар порталҳои махсуси соҳа нишон медиҳад, ки раванди электроникунонии кулли анвои чопӣ босуръат идома дошта, ҳадафи Ҳукумати мамлакат дар иртибот ба таъсиси “Ҳукумати электронӣ” дар Муассиса ба таври зарурӣ ба роҳ монда шудааст.

Бори дигар хотирнишон менамоям, ки Китобхонаи миллӣ ба сифати маркази бузурги фарҳангӣ ва иттилоотрасонии кишвар бояд дар самти хизматрасонии виртуалӣ фаъолияти хешро густариш диҳад, мо бояд хонандагонро ба ин васила ба китобхонӣ ва китобхона ҷалб созем ва вазифаи асосии худ, ки робита бо ҷомеа аст, маърифати ҷавонону наврасонро ба сӯйи китоб равон созем.

Аз ин нуқтаи назар, шуъбаи автоматикунонӣ, раванди китобдорӣ-иттилоотии Китобхонаи миллиро зарур аст, ки дар самти электронинамоии фонди Муассиса тамоми қудрат ва тавони хешро сарф намоянд ва баҳри татбиқи ҳадафҳои Ҳукумати мамлакат камари ҳиммат бандад.

## КОРҲОИ ИЛМӢ – ТАҲҚИҚОТӢ

Яке аз вазифаҳои муҳимми Китобхонаи миллӣ таҳияву тадвини китоб оид ба мавзуъҳои гуногун, таҳияи дастурҳои методӣ ва библиографӣ, тарҷума, баргардон ва нашри осори арзишманди ниёгон, инчунин анҷом додани пажӯҳишу таҳқиқот дар соҳаи китобу китобдорӣ ба шумор меравад.

Вобаста ба баргардон, таҳия ва нашри осори арзишманди ниёгон ва ҳамчунин осори илмӣ-таҳқиқотие, ки муҳаққиқони дохилию хориҷӣ оид ба таърих, фарҳанг ва расму оини миллати тоҷик дар давраҳои гуногуни таърихӣ таълиф намудаанд, **Маркази “Тоҷикшиносӣ”** як қатор корҳоро ба анҷом расонида истодааст. Дигар аз корҳое, ки Маркази “Тоҷикшиносӣ” дар соли 2024 ба анҷом расонид, ин тарҷумаву таҳия ва таҳрири ниҳоии асари «Тасаввуф ва адабиёти тасаввуфӣ»-и Е.Э. Бертелс мебошад. Ёдовар мешавем, ки китоби мазкур аз 800 саҳифа иборат буда, таҳрири ниҳоии он аз моҳи декабри соли 2022 оғоз гардида буд. Дар иртибот ба тарҷума, таҳия ва таҳрири силсилакитобҳои “Тоҷнома” ҳамзамон, дар ин давра китоби «Ал-феҳрист»-и Ибни Надим аз забони арабӣ ба тоҷикӣ тарҷумаву

таҳия гардида, нусхаи озмоишии он аз чоп баромад. «Таърих» (китоби IV)-уми Ҳеродот Ҳаликарнасӣ аз забони юнонӣ ба тоҷикӣ пурра тарҷума карда шуд. Пажӯҳиш ва тавзеҳоти муфассали илмии асари мазкур аз моҳи ноябри соли 2022 оғоз ёфта, то имрӯз дар ҳаҷми 117 саҳифа коркард шудааст. Илова бар ин, тарҷумаи асари «Ҳаммосаи миллии Эрон» -и Нёлдеки аз забони олмонӣ ба забони тоҷикӣ бо тавзеҳот дар ҳаҷми 147 саҳифа, асари «Забони қадимтарин ёдгориҳои насри форсӣ»-и Гилберт Лазард аз забони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ пурра тарҷума, ҳуруфчинӣ шуда, дигар корҳои вобаста ба таҳияи онҳо идома дорад.

Дар ин давра кормандони Маркази "Тоҷикшиносӣ" китоби «Куруши Кабир»-и Олберт Шондурро дар ҳаҷми 260 саҳифа, «Таърихи Эрони Бостон»-и М.М. Дьяконоврo дар ҳаҷми 357 саҳифа аз хатти форсӣ ба кирилӣ баргардон намуда, корҳо дар ин самт идома доранд.

Ҳамзамон, кормандони Марказ таҳрири «Фарҳанги русӣ-тоҷикии калимаҳои шоз» -и Қамчин Чиллазодро дар ҳаҷми 513 саҳифа ба анҷом расонида, чопи нусхаи санҷишии он низ ба итмом расид.

Баҳри амалисозии нақшаи панҷсолаи Марказ китоби дигар бо унвони «Чакан» ба нақша гирифта шудааст, ки он бо фарогирии мавод ва пажуҳишу таҳқиқоти муфассали илмӣ доир ба таърихи гулдузӣ, гулдузӣ дар таҳлили олимони Шарқу Ғарб, ошноӣ бо ҳунарҳои мардумӣ, тасвир ва таҳлили рамзҳо дар гулдузиро инъикос мекунад. Дар ин замина, асари мазкур қисман дар ҳаҷми 130 саҳифа таҳия шуда, дар муҳлати кӯтоҳтарин пурра омода мегардад.

Китоби дигаре аз силсилаи "Тоҷнома" «Таърихи Форс ва адабиёти он (Ҷараёни тасаввуф)» -и А. Кримский мебошад, ки таҳрир гардида, нусхаи санҷишии он аз чоп баромад.

Ҳамин гуна корҳои тарҷума, баргардон ва нашри осор аз ҷониби **Маркази "Забони тоҷикӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ"** низ ба анҷом расида истодааст. Аз ҷумла, китоби «Фарҳанги рӯзи сухан» пурра

баргардон шуда, пас аз овонигорию (транскрипсия) ва таҳрир ниҳоят ҷилди 1-ум ва 2-ум нусхаи санҷишии онҳо аз чоп баромада, ба муқарризон супорида шудааст.

Дар доираи таҳияи ҷилдҳои навбатии “Тоҷнома” (Тоҷикон дар масири тамаддун) тарҷумаи китоби Пигулевская Нина Викторовна “Города Ирана в раннем средневековье” аз забони русӣ аз тарафи кормандони маркази мазкур ба роҳ монда шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ китоби мазкур дар ҳаҷми 395 саҳифа тарҷума, ҳуруфчинӣ ва ғалатгирӣ гардидааст. Айни ҳол асари тарҷумашуда дар ҷараёни таҳрир қарор дорад. Китоби мазкур баъдиислоҳи ғалату нуқсонҳо дар нимаи аввали соли 2025ба чоп супорида мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ шуъбаи **дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир** тарҷумаи китоби таърихии “**Аҳсан-ут-тақосим фи маърифати-л-ақолим**”-и Муҳаммади Мақдисӣ, ки аз 810 саҳифа иборат аст, баъди қабули тақриз ба чоп пешниҳод хоҳад шуд.

Китоби дигаре, ки аз ҷониби кормандони шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир аз хати форсӣ ба кириллӣ баргардон шуда буд, “**Таърихи Бухоро, Хуқанд ва Қошғар**” аст, соли 2024 бо шумораи 100 адад чоп гардид.

Кормандони шуъбаи мазкур ба таҳияи Феҳристи мундариҷавии маҷаллаи “**Шӯълаи инқилоб**” машғул буда, дар моҳи ноябр пурра ба анҷом расид ва то моҳҳои аввали соли 2025 ба чоп пешниҳод мегардад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир ин ғанӣ гардонидан, ҳифзу нигаҳдории нусхаҳои хаттӣ ва китобҳои чопи сангӣ мебошад. Дар соли 2024 кормандони шуъба аз аҳолӣ дар маҷмуъ **53** нусха китобҳои дастнавис ва чопи сангӣ ҷамъоварӣ намуда, мазмуну муҳтавои нусхаҳоро омӯхтанд ва онҳо дар муддати кутоҳ, баъди коркард ба фонд ворид карда мешаванд.

Дар соли 2024 ба толори шуъба ва “Осорхонаи китоб” дар ҳамкорӣ бо шуъбаҳои равобити байналмилалӣ ва шуъбаи тарғиб ва барномаҳои

фарҳангӣ бо шумули “Рӯзи дарҳои боз” 5 366 нафар меҳмонони дохилӣ ва аз **15** давлати хориҷӣ, аз ҷумла Қазоқистон, Россия, Фаронса, Ҷумҳурии исломии Эрон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Озарбойҷон, Австрия, Қатар, Испания, Афғонистон ва дигар кишварҳо ташриф оварда, бо ганҷинаҳои нодири шуъба шинос шуданд.

**Фаъолияти шуъбаи илмӣ-методӣ ва таҳқиқотӣ.** Бо мақсади таҳлил, таҳқиқ, омӯзиш ва муайян намудани омилҳо ва қонуниятҳои равандҳои инноватсионии фаъолияти китобдорӣ шуъбаи илмӣ ва тадқиқотӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст. Кормандони шуъба дар ин давра дастурҳои методии “Адибони Тоҷикистон” (қисми 3), “Истиқлолият – дастоварди бузурги миллат”, маҷмуаи илмии “Мусиқӣ сарвати бебаҳои маънавист”, ки мақолаву маърӯзаҳо ва андешаҳои адабиётшинос Соҳиб Табаровро роҷеъ ба мусиқӣ дар бар мегирад, инчунин дастури библиографии “Юнусова Нафисахон Муродовна: маҷмуаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ”-ро аз чоп бароварданд.

Кормандони шуъба барои таҳияи дастурҳои “Китобхонаҳои бузурги ҷаҳон” дар ҳаҷми 126 саҳифа: феҳристи адабиёт ба муносибати 100-солагии шаҳри Душанбе таҳти унвони “Душанбе – шаҳри дилҳо” дар ҳаҷми 285 саҳифа, “Тақвими ҷашн ва санаҳои муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли (2025)” дар ҳаҷми 134 саҳифа, инчунин, барои таҳияи феҳристи библиографӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ  таҳти унвони «Библиография и библиотековедение Таджикистана в 1974-2024 гг.» дар ҳаҷми 928 саҳифа аз сарчашмаҳои гуногун маводи навро ҷамъоварӣ, таҳрир ва тибқи соҳа ва солҳо ҷудо карданд.

**Бахши таҳрир ва интишорот** дар асоси дархости воҳидҳои сохтории Китобхона 265 адад даъватнома, **32** адад барнома ҷиҳати баргузории чорабиниҳо, 437 адад лифофа, 300 адад бланкаи мактубҳои содиротӣ, 350 адад мактубҳои содиротӣ, 4200 адад буклет, 236 адад табрикнома, 45 адад сипоснома ва 16 адад ифтихорнома ва ғайраро чоп намудааст. Дар маҷмуъ, бахши мазкур зиёда аз 24 000 адад маводи гуногунро аз чоп баровардааст.

Дар иртибот ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва интишории Муассиса ёдовар шудан ба маврид аст, ки дар соли ҷорӣ шумораи 7 маҷаллаи «Паём»-и Китобхонаи миллӣ аз чоп баромада, он дар Маркази байналмилалии ISSN сабти ном шуда, дорои рақами мушаххаси ISSN мебошад

Имрӯзҳо сомонаи маҷаллаи илмии «Паёми Китобхонаи миллӣ» бо нишонаи (payom.kmt.tj) дар шабакаи байналмилалии Интернет фаъол мебошад. Сомона бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ аз равзанҳои «Асосӣ», «Сармуҳаррир», «Оиннома», «Бойгонӣ» ва «Тамос» иборат мебошад. Матни тоҷикии сухани сармуҳаррир ва оинномаи маҷалла ба забонҳои русиву англисӣ тарҷума ва интишор шудаанд.

Хурсандибахш аст, ки дар давраи ҳисоботӣ бо фармони Раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 25 октябри соли 2024 маҷаллаи илмии “Паёми Китобхонаи миллӣ” ба феҳристи маҷаллаҳои “нашрияҳо”-и илмии таркризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (КОА) ворид карда шуд. Дар маҷалла нашри маводи илмӣ аз рӯйи самти илмҳои 05.25.00 – иттилооти ҳуҷҷатӣ (05.25.03 – Китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ, китобшиносӣ); 07.00.00 – илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ, методҳои таҳқиқотӣ-таърихӣ); 10.00.00 – илмҳои филологӣ (10.01.10 - Рӯзноманигорӣ) ва 13.00.00 – Илмҳои педагогӣ (13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) иҷозат дода шуд.

## РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ КИТОБХОНА

Китобхона дар доираи мубодилаи байналмилалии китоб бо китобхонаҳои гуногуни мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла бо китобхонаҳои **28** давлати ҷаҳон ҳамкорӣ ва мубодилаи китобӣ дорад. Байни Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва **20** китобхонаи хориҷӣ Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ ба имзо расидааст.

Шуъбаи **робитаҳои байналмилалӣ** дар давраи ҳисоботӣ ҳамкориҳои байналмилалиро вусъат бахшида, ташрифи сафирон ва дипломатҳои сатҳи гуногунро ба Китобхонаи милли дар сатҳи хуб ба роҳ монд.

Аз ҷумла аз Ҷумҳурии Халқии Хитой, Корея, Фаронса, Индонезия, Ҷопон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Шоҳигарии Тайланд, Туркия, Австрия, Россия, Молдова, Белорусия, Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Украина, Арманистон, Қазоқистон, инчунин мушовири фонди китобхонаи Шайх Муҳаммад ибни Рошиди шаҳри Дубай ва дигарон ба Китобхона ташриф овардананд.

Давоми соли 2024 Китобхонаи миллӣ чаҳор санади ҳамкориии зеринро ба тасвиб расонид:

- Ёддошти тафоҳуми Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии илмии буҷавии федералии Китобхнаи оммавӣ, илмӣ-техникии шуъбаи Академияи илмҳои Россия дар минтақаи Сибир;
- Ёддошти тафоҳуми Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази иттилоотӣ-китобхонавии ба номи Адиб Собири Тирмизии вилояти Сурхандарё;
- Созишномаи ҳамкорӣ байни Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони худгардони ғайритиҷоратии “Пажуҳишгоҳи миллии рушди коммуникатсия” Федератсияи Россия;
- Ёддошти тафоҳум байни Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи Гёте дар Ӯзбекистон.

Айни замон санадҳое таҳия шудаанд, ки дар ҷараёни баимзорасӣ қарор доранд. Аз ҷумла:

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкории Китобхонаи миллӣ ва Китобхонаи миллии Туркия;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкории Китобхонаи миллӣ ва Китобхонаи миллии Фаронса;

- Ёдошти тафоҳуми ҳамкории Китобхонаи миллӣ ва Китобхонаи миллии Искандарияи Ҷумҳурии арабии Миср;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкории Китобхонаи миллӣ ва Китобхонаи миллии Малайзия ва ғ.

Соли 2024 як қатор конфронсу семинарҳое, ки дар робита ба соҳаи китобу китобдорӣ дар кишварҳои гуногуни олам ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ (онлайн) доир гардиданд, кормандони Китобхонаи миллӣ дар онҳо ширкат ва суханронӣ карданд. Аз ҷумла:

- директори Китобхона, профессор Файзализода Ҷ.Х. дар Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ “Libway-2024: Илм, технология ва иттилоот дар китобхонаҳо”, ки дар шаҳри Новосибири Федератсияи Россия, дар намоиши ҷашнӣ бахшида ба бузургдошти Ҷалолиддини Балхӣ дар шаҳри Парижи Фаронса, дар **VIII**-мин Конгреси байналмилалӣ, ки дар шаҳри Самарқанд дар мавзуи “Ба низом даровардани ғояҳои педагогии мутафаккирони асрҳои миёнаи тоҷик”иштирок ва суханрои намуд;

- муовини **директори Китобхонаи миллӣ Камолзода Сайфиддин** дар XVII-умин Конфренсияи байналмилалии “Center-Asia-2024»: Интернет ва захираҳои иттилоотӣ –китобхонавӣ дар соҳаи илм, маориф, фарҳанг ва тиҷорат”, ки дар шаҳрҳои Ҷизах ва Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид;

- **муовини якуми директор Раҷабзода Салима Совет** дар Конфронси онлайнии Китобхона оид ба санадҳои ҳамкории Тоҷикистон ва Туркия, дар конфронси онлайнии илмӣ таҳти унвони “Самтҳои асосии мукаммалнамоӣ ва ба ҷараёни муосир гузоштани чорабиниҳои илмӣ-методии китобхонаҳо”;иштироок ва суханронӣ кард.

- муовини директор Саидзода Зафар дар курси омӯзишӣ доир ба таъмир ва тармими ҳуҷҷатҳо дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия ва шаҳри Мински Белоруссия.

Ҳамин тавр, дар давраи соли 2024 23-нафар кормандони Китобхона ба сафари хизматӣ ба ҷумҳуриҳои Фаронса, Ҳиндустон, Россия, Узбекистон, Озарбойҷон, Белорусия ва ғайра сафарбар карда шуданд.

## ЧОРАБИНИҲОИ ФАРҲАНГӢ ДАР КИТОБХОНА

Соли 2024 барои Китобхонаи миллии Тоҷикистон соли пур аз дастовардҳо маҳсуб меёбад, зеро дар ин сол, бори нахуст Озмуни ҷумҳуриявии "Хонандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат" баргузор карда шуд, ки ташаббускори он Китобхонаи миллӣ аст. Озмуни мазкур дар сатҳи хеле баланд баргузор гардид ва кулли толибилмони муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбии кишвар иштироки фаъол доштанд. Бояд хотирнишон намоем, ки дар таҷрибаи 90 солаи Китобхонаи миллӣ дар самти баргузории озмуни сатҳи ҷумҳуриявӣ нахустин маротиба озмуни ҷумҳуриявии «Хонандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат» ташкил ва дар сатҳи зарурӣ баргузор карда шуд. Ин ташаббус бори дигар раванди робитаи қавии Китобхонаи миллӣ ва ҷомеаро дар самти ҷалби ҷавонону наврасон ва кулли шаҳрвандони кишвар ба мутолиаи китоб амиқан нишон дод.

Боварии комил дорем, ки бо роҳандозии ин озмун дар солҳои баъдӣ насли ҷавони кишвари мо ба китобу китобхона ҷалби бештар шуда, таъриху фарҳанг ва ҳувияти миллии шаҳрвандон боло бардошта хоҳад шуд.

Дар Китобхонаи миллӣ дар соли 2024 аз ҷониби бахшу шуъбаҳои Китобхона **169** адад ва аз тарафи вазорату идораҳои ҷумҳурӣ 53 адад чорабинӣ доир гардидааст. Дар маҷмуъ, дар ин давра 222 адад чорабинӣ баргузор гардидааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2023-ум 72 адад зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони **шуъбаи тарғиб ва баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ** ба 962 гурӯҳ меҳмонони дохиливу хориҷӣ ва донишҷӯёну мактаббачагон саёҳат (экскурсия) гузарониданд, ки дар

маҷмуъ, **17 529** нафар меҳмонон бо шароит ва имконоти хизматрасонии Китобхонаи миллӣ шинос гардиданд.

**Шуъбаи менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ** дар соли 2024 баҳри ҷалби бештари хонандагон ба курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳаматарафа чораҷӯӣ намуда, хоҳишмандонро рӯйхат ва ба онҳо оид ба курсҳо маълумоти заруриро пешкаш менамоянд.

Баҳри дар амал татбиқ намудани мақсади асосии Китобхонаи миллӣ ва нишон додани мақому нуфузи ин боргоҳ кормандони шуъбаи менеҷмент ва маркетинг барои омода намудани механизмҳои нави ҷалби истифодабарандагони нав ба хизматрасонии иловагии пулакӣ ва тайёр намудани маводи рекламавӣ (буклет, брошюра, варақҳои таблиғотӣ ва ғайра) 5000 адад варақаи таблиғотӣ омода намуда, ба истифодабарандагон пешниҳод кардаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо ташаббуси шуъбаи менеҷмент ва маркетинг, бахшида ба ҷашнҳои Наврӯзи байналмилалӣ, 33-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Рӯзи китоб" рӯзи "Дарҳои боз" бо тантанаи баргузор шуд. Дар ин рӯз аз ҷониби кормандони шуъба барои ҷалб намудани хонандагон ба китобхонаву китобхонӣ ва рекламаи курсҳои омӯзишии забонҳои хориҷӣ дар Муассиса зиёда аз 5000 буклет, брошюра, варақаҳои таблиғотӣ миёни ҷомеа ва ташрифовардагон тақсим карда шуд.

Кормандони шуъбаи менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ 5 мавод дар сомонаи Китобхона интишор додаанд.

Бо ҳидоятҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузории Озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ба ҳукми анъана даромадааст. Имсол низ ин озмун бо мақсади таҷлили сазовори ҷашни 33-умин солгарди Истиқлолияти давлатии мамлакат баргузор карда шуд. Дар даври ҷамъбастии он Китобхонаи миллӣ барои омода кардани ҷойи баргузории чорабинӣ мувazzaф шудааст.

Барои осону мукаммал дастраси довталабон гардонидан асарҳои адибоне, ки барои аз худ кардан ва хондан дар озмунҳо тавсия шудаанд, дар Китобхонаи миллӣ толори махсус бо номи “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” ташкил гардида, шакли электронии китобҳо дар ҳомилҳои электронӣ CD-ҳо ҷой карда шудаанд.

Минбаъд низ роҳбарият ва кормандони Китобхона ҷиҳати ташвиқу тарғиби ҳамаҷонибаи Озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” ва “Донандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат” (ки қаблан «Ҳонандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат» унвон дошт) аз тариқи шабакаҳои телевизионӣ ва радио, матбуоти даврӣ ва сомонаи Китобхона фаъолияти пурсамар нишон хоҳанд дод.

Аз ҷониби Муассиса дар самти тарғибу ташвиқи симои мусбии Китобхонаи миллӣ ва пешбурди сиёсати фарҳангии Ҳукумати мамлакат пайваста иқдомҳои ҷадиду нишонрас роҳандозӣ шуда, тамоми он ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар ВАО пахш карда мешавад. Далели ин гуфтаҳоро метавон дар баргузории маҳфилу барномаҳои фарҳангӣ, илмӣ ва сиёсии Китобхонаи миллӣ, ки нисбати ба ҳамин давраи соли гузашта бамаротиб зиёд аст, мушоҳида кардан мумкин аст.

## МАҲФИЛҲОИ ФАРҲАНГӢ ДАР КИТОБХОНА

Китобхонаи миллӣ ҳамчун муассисаи фарҳангии кишвар дар баргузории чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ-сиёсӣ нақши муҳим бозида, яке аз маконҳои асосии баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, ҳамасола вобаста ба ҷашнҳои гуногун аз ҷониби бахшу шуъбаҳои Китобхона чорабинӣ ва маҳфилҳои гуногуни илмӣ-фарҳангӣ доир мегардад, ки барои баланд бардоштани сатҳи маънавиёти аҳли ҷомеа таъсири амиқ мерасонанд.

**Чорабиниҳое, ки аз тарафи бахш, шуъба ва марказҳои Китобхона баргузор гардиданд:**

Рӯнамоии китоби “Инъикоси фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзномаи Садои мардум” ва “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саҳифаҳои рӯзномаи “Народнная газета” – солҳои 1992-1996”, маҳфили ҳамешагии “Дар суҳбати адиб” бо иштироки шахсиятҳои маъруф, чорабинии фарҳангӣ-фароғатӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони “Артиши миллӣ – сипари боэътимоди давлат ва миллат”, мизи гирд бахшида ба “Рӯзи модарон” чорабиниҳои сатҳи гуногун бахшида ба ҷашни байналмилалии “Наврӯз”, рӯнамоии осорномаи шоирон, нависандагон ва умуман адибони кишвар, баргузории маҳфилҳои ҳамешагии “Ганҷи сухан”, “Равшандилон”, “Дастони моҳир”, “Ҳаёти солим”, маҳфили ҳамешагии “Ҳамешабаҳор” зери роҳбарии адиби шинохта Хайрандеш, конференсияи илмӣ-амалии “Нақши Ваҳдати миллӣ дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ” маҳфили пайвастаи “Тоҷикшиносӣ” дар мавзуҳои гуногуни илмӣ,таърихӣ ва фарҳангӣ, мизи гирди “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”, Рӯзи “Дарҳои боз” ва ғайра баргузор гардиданд.

## ДАСТГОҲИ ТАРҒИБОТИИ КИТОБХОНА

Дар сохтори нави Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши матбуот ва робита бо ҷомеа амал мекунад, ки мақсади асосии он таъмини самараноки фаъолияти иттилоотии Китобхона, дар иртибот бо ҷомеа баланд бардоштани мақоми Китобхона, коркард ва амалӣ намудани PR – лоиҳаҳо, таъмини фаъолият, рушд ва пешбурди WEB портал (сайт)-и Китобхона, нашри маводи тарғиботию ташвиқотӣ вобаста ба мутолиаи китоб, инчунин ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои гуногун бо мақсади нигоҳ доштани симои мусбии Китобхона дар фазои иттилоотию фарҳангии ватанӣ ва байналмилалӣ мебошад.

Дар иртибот ба фаъолияти бахши матбуот ва робита бо ҷомеа дар давраи ҳисоботӣ 2064 мавод дар сомонаи расмии Китобхона гузошта шудааст, ки зиёда аз 335 000 нафар онҳоро мутолиа намудаанд. Дар қатори сомонаи расмӣ Муассиса фаъолияти телеграмканали Китобхонаро аз моҳи апрели соли ҷорӣ роҳандозӣ намуда, то ин муддат зиёда аз 6000 обуначии доимӣ дорад. Бахши фаъоли телеграмканали мо “Бойгонии Китобхонаи миллӣ” ном дорад, ки дар ин давра 6200 китоби электронӣ дар он гузошта шуда, зиёда аз 7000 нафар то имрӯз аз он истифода бурдаанд.

Бо вусъати ёфтани хизматрасонии рақамӣ ва онлайнӣ миёни аҳли ҷомеа ва дастрасии маводи электронӣ ба хонандагон яке аз самтҳои асоси фаъолияти китобхонаҳои диҷитолӣ ва анъанавӣ гаштааст. Аз ин низом ва ривиши фаъолият ҳеҷ як китобхона дар канор буда наметвонад. Бинобар ин, Китобхонаи миллӣ дар қатори сомонаи миллии электронӣ, ки зиёда аз 350 ҳазор адабиётро ҷой дода, дар шабакаҳои иҷтимоӣ, махсусан фейсбук ва телеграмканал дар самти бадастории китобҳои электронӣ фаъолияти босамар ва бомарому мураттабро ҷорӣ кардааст, ки он тавассути кормандони бахши матбуот ва робита бо ҷомеа роҳандозӣ мегардад.

Бори дигар ёдовар мешавам, ки фаъолияти босамари Муассиса дар самти хизматрасонии рақамӣ ва тарғиби иттилооти фаврии фаъолияти мо тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаи расмӣ танҳо дар сурате рушду тақвият меёбад, ки кулли шуъба, бахш ва марказҳои Муассиса ҳамкориҳои судманд ва судбахшро бо бахши матбуот ва робита бо ҷомеа пурзур ва бо тарзу усул ва диди нав ба роҳ монанд. Аз ин нуктаи назар, ба бахши матбуот ва робита бо ҷомеа, бахш, шуъба ва марказҳои Китобхона дастур дода мешавад, ки дар тарғибу ташвиқи фаъолияти хеш ва Муассиса оид ба масъалаи тарғибу ташвиқи китобхона ва китобхонӣ миёни ҷомеа ба таври доимӣ роҳҳову усулҳои замонавиро татбиқ карда, дар маърифаткунонии аҳли ҷомеа, махсусан ҷавонону наврасон саҳм бигиранд.

ТАКМИЛИ ИХТИСОС

Дар баробари коркард ва табъу нашри асарҳои марбут ба таърихи миллат, дастурҳои методиву феҳристномаҳо самти дигар ва муҳими фаъолияти Китобхона ин такмили ихтисоси китобдорони Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва дигар китобхонаҳои ҷумҳурӣ тавассути роҳандозии курсҳои гуногуни омӯзишӣ мебошад. Дар ин замина **Маркази таҳсилот ва инноватсияҳои китобдории** Китобхона ҳамасола курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисосро доир менамояд.

Хушбахтона, дар соли 2024 барои гирифтани иҷозатномаи фаъолияти илмӣ – таълимӣ оид ба аспирантура ва докторантура дар Китобхонаи миллӣ, тамоми ҳуҷҷатҳо таҳия шуда, кулли аснод ба Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, ки 15 октябр аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм ба Китобхонаи миллӣ шаҳодатномаи пешбурди фаъолияти илмӣ – таълимӣ дода шуд.

Кормандони **маркази номбурда** дар давраи ҳисоботӣ 50 нафар аз кормандони Китобхонаро дар як марҳила ба курси бозомӯзии барномаи “ALEPH” дар ҳаҷми 36 соати дарсӣ фаро гирифтанд. Инчунин, дар курси кӯтоҳмуддат сардорони шуъбаҳо, мудирони бахш ва муовинони онҳо ба омӯзиши имлои забони тоҷикӣ ва тарзи дурусти ҳуҷҷатгузорӣ ҷалб карда шуданд.

Барои тақвияти донишҳои соҳавии кормандон як давраи курси кӯтоҳмуддати «Донишҳои библиографӣ» баргузор карда шуд, дар он 20 нафар ширкат варзида, донишҳои муосири соҳавиро бозомӯзӣ намуданд.

Дар ин давра дар доираи курси сайёри такмили ихтисос кормандони соҳаи китобдории Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, асз ҷумла 7 шаҳру ноҳияҳои ВМКБ - Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим, Роштқалъа, Хоруғ ва Мурғоб ба таълим фаро гирифта шуданд.

Мутахассисони Китобхонаи миллӣ дар раванди курси сайёр дар бораи қонунгузории соҳаи китобдорӣ, барномаҳои таълимӣ, ҳамзамон

доир ба масъалаҳои муҳими соҳаи китобдорӣ, автоматикунонии фаъолияти китобдорӣ, фондҳои китобӣ, фонди матбуоти даврӣ, китобхонаҳои электронӣ, раванди тартиб додани феҳристҳои библиографӣ, китобномаҳои шарҳиҳолӣ, ташкил ва истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, феҳристи электронӣ ва дигар масъалаҳои муҳими соҳаи китобхонаҳо суҳбатҳои тахассусӣ гузаронида, маълумотҳои тозаи соҳавиро манзури китобдорони вилоят намуда, дар фарҷоми курс ба 40 нафар шунавандагон “Сертификат” тақдим карда шуд.

Соли 2024 210 нафар таҷрибаомӯз аз Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия, Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода, Коллеҷи фарҳанги ҷумҳуриявии ба номи П.Буйдоқов (н.Рӯдакӣ) дар марказ ва шуъбаҳои гуногуни Китобхона ба таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

Дар ин давра 30 нафар корманди китобхонаҳои соҳаи маорифи шаҳри Душанбе дар ҳамбастагӣ бо Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар шаҳри Душанбе  аз курси такмили ихтисос гузаштанд. Қобили зикр аст, ки корманди бонки «Амонатбонк», китобдорони китобхонаи шаҳри Панҷекент баҳри баланд бардоштани савияи дониши китобдории худ тибқи мактуб дар Маркази таҳсилот ва инноватсияҳои китобдорӣ аз курси кутоҳмуддати соҳаи китобдорӣ гузаштанд.

## ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБАҲОИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКӢ, КОММУНАЛӢ, ХОҶАГӢ

Кормандони шуъбаҳои истифодабарии техникӣ ва хизматрасонии коммуналӣ, хоҷагӣ, хадамоти барқиву техникӣ новобаста аз баъзе мушкилоти мавҷуда тавонистанд, ки низоми солими кориро дар Китобхона нигоҳ доранд ва барои фаъолияти хубу пайвастаи дигар бахшу шуъбаҳои Китобхона шароити зарурӣро фароҳам оваранд.

Тибқи нақшаи ободонӣ корҳои барқарорсозӣ, нигоҳ доштани ҳолати бино ҳашару шанбегиҳо, кабудизоркунӣ ва ободонии боғи гирду атрофи Китобхона мунтазам идома дорад.

Дар давраи ҳисобтӣ аз ҷониби **шуъбаи истифодабарии техникӣ ва хизматрасонии электроэнергетикӣ** як қатор корҳо ҷиҳати таъмини фаъолияти муназзами кормандон ба анҷом расонида шудааст.

**Бахши бехатарӣ аз сӯхтор** фаъолияти худро ҷиҳати таъмини риояи қоидаҳои назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор, ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар асоси нақшаи чорабиниҳои асосӣ оид ба масъалаҳои мудофиаи гражданӣ, эътино, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода ва бехатарӣ аз сӯхтор барои соли 2024 ба роҳ монда, дар давраи ҳисоботӣ бо кормандони Китобхона оид ба риояи қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор ва риояи қоидаҳои бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат дастурдиҳӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронидааст. Тамоми ошёнаҳо, роҳравҳо, толорҳои хониш ва махзанҳо ба қадри имкон бо воситаи аввалиндараҷаи оташнишонии ОП-5 таъмин карда шуда, шуъбаи **истифодабарии техникӣ ва хизматрасонии коммуналӣ** низ бо мақсади таъмини шароити мусоиди корӣ як қатор корҳои таъмириву азнавсозиро ба анҷом расонидааст.

## ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОИИ КИТОБХОНА

Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ” дар баробари хизматрасонӣ ба хонандагон, таҳияи дастурҳои методию нашри китобҳо, инчунин барои дастгирии иҷтимоии кормандони Китобхона ва шахсони алоҳида корҳои зиёдеро ба анҷом мерасонад.

**Фаъолияти Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони Китобхона.** Дар давраи ҳисоботӣ Кумитаи иттифоқи касабаи кормандон дар доираи имконият кормандони Китобхонаро мавриди дастгирӣ ва ғамхорӣ қарор додааст. Аз ҷумла, ба **11** нафар корманде, ки ба нафақа баромаданд, туҳфаи хотиравӣ тақдим гардида, дар арафаи ҷашни байналмилалии

Наврӯз барои кормандон дастархони идона ороста шуд. Дар арафаи иди саиди Фитр ва Қурбон низ барои кормандон маводи ғизоӣ харидорӣ ва кумак расонида шудааст.

**Фаъолияти шуъбаи муҳосибот.** Яке аз вазифаҳои асосии шуъбаи муҳосибот самаранок ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои ҷудогардида, мусоидат ба баландшавии захираҳои маводи Китобхона ва иқтисодиёт, таъмини саривақтии музди меҳнати кормандон ва ғайра мебошад, ки шуъбаи мазкур вазифаҳои худро мунтазам дар доираи имкониятҳо иҷро менамояд.

**Фаъолияти бунгоҳи тиббии Китобхона.** Дар давраи ҳисоботӣ кормандони бунгоҳи тиббии Китобхона ба як қатор кормандон ва хонандагон ёрии аввалини тиббӣ расонидаанд. Моҳи августи соли гузашта тибқи нақшаи ҳарсола тамоми кормандони Китобхона аз муоина ва ташхиси тиббӣ гузаронида шуда, ба шахсони ниёзманд барои барқарор кардани саломатӣ кумаки тиббӣ ва тавсияҳо дода шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ **Шӯрои бонувони Китобхона** низ дар мавриди баргузории семинару машваратҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ фаъолияти назаррас дошта, бо иштироки коршиносони соҳа бахшида ба рӯзи оила дар мавзуи “Фарҳанг ва маърифати оиладорӣ”, “Модар - ҷавҳари ҳастӣ” ва мизҳои мудаввар доир намудааст. Шуро оид ба риояи талаботи интизоми меҳнат дар миёни бонувони Китобхона пайваста корҳои таблиғотӣ-ташвиқотӣ мегузаронад.

Аз таҳлили натиҷаи фаъолияти **Комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросим** дар Китобхонаи миллӣ бармеояд, ки кормандони Китобхона талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро ба таври ҳатмӣ риоя намуда, дар баргузории ҷашну маъракаҳо дастуроти қонуни мазкурро сармашқи кори хеш қарор медиҳанд. Дар соли ҷорӣ **29** нафар корманди

Китобхона маъракаҳои хурсандӣ ва азодорӣ доир намуданд, ки дар онҳо талаботи қонуни зикршуда риоя гардидааст.

## КАРОРУ ПЕШНИҲОД:

1. Нахуст дар иртибот ба ҳолати техникии компютерҳои Муассиса ёдовар шуда, ба иттилоъ мерасонем, ки аксарияти онҳо корношоям гардида истодааст. Бояд қайд намоем, ки муҳлати истифодабарии компютерҳои Китобхона аллакай ба итмом расида, зарурати ивазнамоии онҳо расидааст.

2. Дар мувофиқа бо сохторҳои дахлдори давалатӣ таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи «Консепсияи мутолиа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Омӯзиши муҳити беруна – дар ин раванд Китобхонаро зарур аст, ки як режими муайянкунандаеро дар самти муносибат бо ҷомеа барқарор намояд ва робитаи доимии хешро дар ин роҳ ба таври амалӣ ҷорӣ кунад, афкори ҷомеаро дар самти таваҷҷуҳ ба китобхона ва китобхонӣ ба таври ҳамешагӣ зери назоратқарор дода, муайян созад, ки ҷомеа дар кадом сатҳи мутолиа қарор дорад ва вобаста ба хониш чӣ ниёзҳо дорад? Дар ин асно Китобхона мақсад дорад, ки ба як таҳқиқоти сотсиологии сартосарӣ, ки зарфиятҳо ва андешаву афкори шаҳрвандонро дар муносибат ба китобхонаву мутолиа муайян месозад, ҷорӣ намояд.

4. Вусъат бахшидан ба раванди азнавбақайдгирии фонди Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ» бо нишондоди забони асл, соҳаҳо ва шумора.

5. Тақвият бахшидани корҳо дар самти рақамигардонии китобу нашрияҳои нодир, бештар дархостшаванда, нусхаашон камшумор ва нодири фонди Муассиса.

6. Пайгирии раванди татбиқи нишондоди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо”

7. Барои рушди фаъолияти китобдорӣ, махсусан фаъолияти бобарору бомароми Китобхонаи миллӣ мутаммарказонидани фаъолияти иттилоотрасонии мо бештар ба такмил ниёз дорад. Махсусан дар самти хизматрасонии виртуалӣ ва шабакавӣ (Дар мисоли сомона, шабакаҳои иҷтимоӣ, китобхонаи миллии электронӣ ва ғ.ҳ.).

8. Ҷалби мутахассисони дохилӣ ва неруи зеҳнии онҳо чиҳати таҳияи консепсия дар самти ҷорӣ намудани хизматрасонии пулакӣ дар Муассиса, ташкили таблиғи ин навъи хизматрасониҳо дар байни ҷомеа ва ғ.ҳ.

9. Фаъол гардонидани ҷараёни тарғиби китобхона бо роҳи суҳбату вохӯриҳо миёни мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишкадаву донишгоҳҳо бо иштироки кормандони китобхона (инро метавон ҳатто дар муассисаву идораҳои давлатӣ ва кумитаву мақомотҳо ҷорӣ кард).

10. Афзоиш додани шумораи варақаҳои тарғиботии соҳавии санҷидашуда – брошюра, варақаҳои иттилоотӣ-рекламавӣ ва дигар анвои чопӣ, ҳамзамон паҳн намудани онҳо дар байни гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа (дар ин самт ҷалби ҷамъияту муассисаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва таблиғотӣ ба фоида кор хоҳад буд).

## НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСӢ

| № | Нишондиҳанда | Воҳид | Соли 2024 | Соли 2023 | Фарқият |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Теъдоди умумии аъзои Китобхона | нафар | **284964** | **270209** | **14755** |
| 2. | Теъдоди аъзои нав | нафар | **14755** | **11643** | **3112** |
| 3. | Теъдоди ташрифи хонандагон ба толорҳои хизматрасонӣ | нафар | **135307** | **146993** | **11686 кам** |
| 4. | Теъдоди адабиёту маводи аз ҷониби хонандагони толорҳо истифодашуда | нусха | **166109** | **179489** | **13380 Кам** |
| 5. | Такмили фонди адабиёт | нусха | **65732** | **71355** | **5623 кам** |
| | | сомонӣ | **1304551,65** | **948780,97** | **355770,68** |
| 6. | Афзоиши теъдоди китобҳои Китобхонаи электронӣ | нусха | 341800 | 334018 | **7782** |
| 7. | Миқдори чорабиниҳо | адад | **222** | **150** | **72** |
| 8. | Теъдоди саёҳатҳо (экскурсияҳо) | гурӯҳ | **962** | **439** | **523** |
| | | нафар | **17529** | **5459** | **12070 нафар** |

Директор Файзализода Ҷ. Х.